**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Холназаров Музаффар Бойназарович дар мавзӯи: «Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент**

Холназаров Музаффар Бойназарович соли 2018 ҳамчун унвонҷӯи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н. Хусрав дохил шуд. Ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омузиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёне, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро тадқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Музаффар Бойназарович, масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба у имконият дод 13 кори илмӣ аз аз чоп барорад, аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои тақризшаванда. Сатҳи дониш ва методҳои омӯзиши унвонҷӯ Холназаров М.Б. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат мекунад. Холназаров М.Б. дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, ҳамасола бо маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-таҳқиқотии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд. Ҳангоми кор бо диссертатсия унвонҷӯ худро ҳамчун тадқиқотчии илмӣ, сари вақт иҷрокунанда ва масъулиятшинос нишон дода тавонист, ки ин ба у имконият дод, натиҷаҳои ба дастомадаро ҳаматарафа таҳлил ва шарҳ дода, истифода бурдани методҳои зарурии тадқиқотиро мустақилона муайян ва асоснок намуда тавонист.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи тадқиқоти диссертатсионии Холназаров М.Б. аз он бармеояд, ки масъалаҳои вобаста ба такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои 1.1.18. - Муаммоҳои баландбардории бехатарии энергетикӣ ва рушди устувори иқтисодии сузишворӣ-энергетикӣ. 1.1.19. - Равишҳои методологӣ ва методикаи ҳалли муаммоҳо дар соҳаи иқтисодиёт, ташкили идоракунии соҳаҳо ва корхонаҳои комплекси сузишворӣ-энергетикӣ, 1.1.20. Ҳолат ва дурнамои рушди соҳаҳои комплексҳои сузишворӣ - энергетикӣ, мошин-созӣ ва металургӣ шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷум-ҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд

Аз гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки асосҳои назариявии идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ, таҳлили вазъи ҳозира ва тамоюли таъмини амнияти энергетикӣ, вазъи ҳозираи сармоягузориҳо дар рушди гидроэнергетикаи хурд, самтҳои асосии такмили механизми таъмини амнияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолсозии ҷалби маблағгузориҳо ба рушди соҳаи

энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷмӯи чорабиниҳои ба такмили механизми идоракунии амнияти энергетикии ҷумҳурӣ мусоидаткунанда, аҳамияти баланди назариявию амалӣ дошта, мубрамияти тадқиқотро тасдиқ менамояд, ки барои ҳалли ин муаммоҳо равиши илмӣ-асоснокро тақозо менамояд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки рисола сохтори мантиқии хуб дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст тарҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифҳои муаллиф илман асоснок таҳия гардидаанд. Дастовардҳои назариявӣ ва аналитикии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгониҳои илмӣ, моҳияти таҳқиқотро кушода, дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар диссертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи рисола омодашуда ва то таклифҳои амалии ба мақомотҳои идораи давлатӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ расонидашуда, метавонанд дар ташкили ва такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намоянд.

Дар баробари инҳо, диққати махсусро ба ҷабҳаҳои мусбии кори иҷрогардида, ки мантиқи он бо тартиби зерин сохта шудааст:

Навгонии илмии таҳқиқот дар асоси коркарди илмию асосноксозии идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ бо назардошти рушди соҳаи энергетика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оиди такмили механизми идоракунии соҳаи энергетика муайян мегардад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, ки унсури навгонӣ доранд аз инҳо иборат мебошанд:

- таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии идоракунии амнияти энергетикӣ гузаронида шуд, ки ба ақида ва андешаҳои илмӣ оид ба муайянсозии мафҳуми амнияти энергетикӣ, шарҳи мафҳуми он аз тарафи муаллиф ва алоқамандии он ба амнияти иқтисодӣ, экологӣ ва иттилоотӣ такя менамояд;

- омилҳои асосӣ (иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, техникӣ, технологӣ)-и ба таъмини идоракунии амнияти энергетикӣ асоснок гардида, паёмадҳои дохилию берунӣ ва таҳдидҳои ба идоракунии  амнияти энергетикӣ таъсиррасон муайян шудаанд;

- таҳлили нишондиҳандаҳои рушди энергетика гузаронида шуда, тағйирёбӣ (динамика) ва таҳдидҳои дохилии амнияти энергетикии кишвар муайян гардида, баҳодиҳии вазъи ҳозираи сармоягузориҳо, тамоюли рушди интегратсия (ҳамгироӣ) аз рӯи истифодаи захираҳои обию энергетикӣ ва рушди гидроэнергетикаи хурд ба амал бароварда шуд;

- самтҳои асосии такмили механизми таъмини амнияти энергетикии ҷумҳурӣ коркард ва асоснок гардида, тавозуни сӯзишворию энергетикӣ ва рушди соҳаи энергетикии кишвар муайян ва пешниҳод гардидаанд;

- таҳқиқи роҳҳои фаъолсозии ҷалби маблағгузориҳо ба рушди со-ҳаи энергетикии ҷумҳурӣ, мавқеъгирии стратегии таъмини бехатарии

энергетикии кишвар ва асосноксозии механизмҳои идоракунӣ, танзим ва назорат муайян ва асоснок гардидаанд;

- маҷмӯи чорабиниҳо (иқтисодӣ, ташкилӣ, экологӣ, гидротехникӣ)-и ба такмили идоракунии амнияти энергетикии ҷумҳурӣ муайян гардида, ворид шудан ба бозори ягонаи минтақавии фурӯши барқ асоснок карда шуда, роҳҳои такмили механизми он дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ коркард ва пешниҳод гардидаанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳи махсусро равишҳои муаллифи рисола оид ба таҳлили муаммоҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо ишғол менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд. Дар маҷмуъ рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назаривию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасида дар сатҳи ҳимоя ба ҳисоб меравад.

Рисолаи номзадии Холназаров Музаффар Бойназарович «Такмили механизми идоракунии таъмини амнияти энергетикӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва дар ҳамин сатҳи муҳокима ба итмомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дошта, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ, ректори**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**

**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

имзои подпись Хушвахтзода Қ.
ТАСДИҚ МЕКУНАМ / ЗАВЕРЯЮ
Сардори РК ва КМ ДМТ / Начальник УК и СЧ ТНУ
Тавқиев Э. Ш. (имзо/подпись)